Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе хиёбони Рӯдакӣ 146. E-mail: olimov-1976@mail.ru.)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст.

1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.

Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон, ки дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст, ба бандҳои зерини Феҳристи шиносномаи соҳаи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 3. Танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои КАС; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар хоҷагии қишлоқ; 14. Масъалаҳои иқтисодии ташаккулёбӣ ва фаъолияти сохторҳои интегратсионӣ дар КАС ва хоҷагии қишлоқ; 17. Ташаккулёбӣ, инкишоф ва фаъолияти сохтори иттилоотӣ-машваратӣ дар КАС; 28. Баҳодиҳии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 42. Ташаккул ва рушди интегратсия (ҳамгирой) дар соҳаи кишоварзӣ; 43. Ташаккул ва рушди муносибатҳои рентавӣ ва тақсими даромади корхонаи комплекси агросаноатӣ, мувофиқ мебошад.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, бахусус замин, аҳаммияти стратегӣ дорад. Замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ на танҳо манбаи истеҳсоли маҳсулот, балки пояи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо маҳсуб меёбад.

Дар солҳои охир дар вилояти Хатлон тағйироти сохторӣ дар самти истифодаи заминҳои кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, тибқи маълумоти оморӣ, дар солҳои 2019 - 2023 майдони умумии кишт 4,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра майдони кишти пахта 2,7 фоиз кам гардида, баръакс майдони кишти картошка 20,3 фоиз, сабзавот 21,5 фоиз ва

полизӣ 26,3 фоиз зиёд шудааст. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки сохтори заминистифодабарӣ тағйир ёфта, талаботи таҳлили илмӣ ва ташаккули механизми иттилоотиву таҳлилии идоракунӣ ба миён омадааст. Бе мавҷудияти низоми мукаммали иттилоотӣ ва мониторинги доимӣ арзёбии самаранокии истифодаи замин ва қабули қарорҳои идоракунӣ душвор мегардад.

Дар чунин шароит танҳо бо такя ба нишондиҳандаҳои натуралӣ (ҳаҷми истеҳсол, майдони кишт) арзёбии воқеии самаранокии истифодаи замин имконнопазир мебошад. Зарурати гузариш ба механизми комплексии иттилоотиву таҳлилӣ ба миён меояд, ки: маълумоти кадастрӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, омилҳои агрохимиявӣ, натиҷаҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорро дар як низоми ягона муттаҳид намояд.

Масъалаи баҳодиҳии иқтисодии замин дар илми иқтисодӣ решаҳои назариявии амиқ дорад ва ба назарияи рентавии иқтисодӣ такя мекунад. Бо вуҷуди ин, дар шароити иқтисоди бозорӣ ва гуногуншаклии моликият талаботи нав ба миён омадааст: ташаккули низоми муосири мониторинг, рақамикунонӣ ва таҳлили оперативии истифодаи замин. Айни замон, маълумотҳо дар бораи ҳолати замин, ҳосилнокӣ, харoҷот ва натиҷаҳои молиявӣ дар сохторҳои гуногун пароканда буда, ҳамоҳангсозии онҳо нокифоя мебошад

Ин ҳолат қабули қарорҳои идоракуниро душвор мегардонад ва имконияти истифодаи самараноки заминро маҳдуд мекунад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқи масъалаи таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Он на танҳо ба рушди назарияи иқтисоди мусоидат менамояд, балки метавонад заминаи таҳияи сиёсати самараноки давлатии замин ва такмили механизми идоракунии бахши кишоварзӣ гардад.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобкардаи довталаб дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ буда, ба самти афзалиятноки рушди иқтисоди кишоварзии кишвар мутобиқат менамояд.

3.Дараҷаи навгониҳои натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Натиҷаҳои илмии бадастомада дар асосноккунии илмии муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва таҳияи пешниҳодҳои методологӣ ва амалӣ оид ба такмили механизми «таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ» бо дарназардошти такмили низоми мониторинг, арзёбии иқтисодӣ ва рақамикунонии равандҳои идоракунии заминистифодабарӣ ифода меёбанд.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи унвонҷӯ баҳри инкишофи минбаъдаи назария, методология ва амалияи такмили низоми идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори бахши аграрӣ равона гардидаанд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмии онро ифода менамоянд, дар чунин муқаррарот инъикос ёфтаанд:

1. Аз ҷониби муаллиф мафҳум ва моҳияти таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ аниқ ва такмил дода шуда, он

ҳамчун маҷмуи равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва истифодаи маълумотҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ, агрохимиявӣ ва кадастрӣ муайян гардидааст. Зарурати ташаккули низоми ягонаи иттилоотӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ва таъмини амнияти озуқаворӣ асоснок карда шудааст.

2. Дар асоси таҳлили илмӣ ва гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасонанда ба самаранокии заминистифодабарӣ (иқтисодӣ, табиӣ-иқлимӣ, институтсионалӣ ва иттилоотӣ) принсипҳои ташкили низоми мониторинги комплексии заминҳои кишоварзӣ мушаххас ва асоснок карда шудаанд. Роҳҳои такмили ҳамгироии маълумоти оморӣ, кадастрӣ ва истеҳсолӣ пешниҳод гардидаанд.

3. Методологияи арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ таҳия ва асоснок карда шудааст. Усули арзёбии комплексӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ, фоидаи холис ба як гектар, сатҳи хароҷот ва самаранокии истифодаи захираҳо пешниҳод гардида, таснифи меъёрҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва экологӣ коркард шудааст.

4. Модели мониторинги бисёрсатҳавии истифодаи замин (сатҳи хоҷагӣ - ноҳия - вилоят) таҳия гардида, марҳилаҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ мушаххас карда шудаанд. Дар доираи ин модел механизми арзёбии тағйироти сохтори кишт, сатҳи истифодаи нуриҳо ва таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ асоснок карда шудааст.

5. Механизми такмили низоми иттилоотии заминистифодабарӣ бо дарназардошти рақамикунонии равандҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои иттилоотии географӣ пешниҳод гардидааст. Самтҳои ҳамгироии базаҳои додаҳои кадастрӣ ва оморӣ бо низоми дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ асоснок карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф бо адабиёти илмӣ ва маълумотҳои оморӣ оид ба мавзуи таҳқиқот муносибати амиқ ва таҳлилӣ нишон дода, мустақилона натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии худро коркард ва ҷамъбаст намудааст.

Маҷмуи тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф ба такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ равона гардида, барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои замин ва таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Таҳлили мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф дорои дараҷаи баланди асоснокӣ ва эътимоднокӣ мебошанд. Онҳо дар заминаи таҳлили амиқи назариявӣ, омӯзиши манбаъҳои илмӣ ва истифодаи маълумотҳои расмии оморӣ ба даст оварда шудаанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили консепсияҳои классикӣ ва муосири иқтисодӣ - аграрӣ, аз ҷумла назарияи рентавии замин, моҳияти иқтисодии замин ва самаранокии истифодаи онро шарҳ додааст. Пайваст намудани

назария бо шароити иқтисоди бозорӣ ва гуногуншаклии моликият ба таҳқиқот заминаи мустаҳками методологӣ фароҳам овардааст.

Дар диссертатсия масъалаи истифодаи замин ҳамчун ҷузъи таркибии раванди такрористеҳсолоти аграрӣ таҳлил гардида, вобастагии самаранокии истеҳсолот аз сифати замин ва сатҳи идоракунӣ асоснок карда шудааст. Ин равиш мутобиқати муқаррароти илмиро ба пояҳои назариявӣ таъмин менамояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили маълумотҳои воқеии оморӣ таҳия шудаанд. Аз ҷумла: таҳлили динамикаи майдони кишт ва тағйироти сохтори кишт дар солҳои охир; арзёбии ҳосилнокии зироатҳо ва фарқиятҳои минтақавӣ; таҳлили сатҳи истифодаи нуриҳои минералӣ ва таъсири он ба натиҷаҳои истеҳсолот; омӯзиши шаклҳои хоҷагидорӣ ва сохтори субъектҳои заминистифодабаранда.

Истифодаи ин маълумотҳо имкон додааст, ки хулосаҳо танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки бо далелҳои оморӣ тасдиқ шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва баромадҳо дар конфронсҳои илмӣ апробатсия гардидаанд (мутобиқи маълумоти дар диссертатсия овардашуда), ки ин ба баланд гардидани эътимоднокии муқаррароти илмӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки: муқаррароти илмӣ дар асоси пояҳои назариявии эътирофшуда таҳия шудаанд; хулосаҳо бо таҳлили маълумотҳои воқеии оморӣ асоснок гардидаанд; тавсияҳо аз натиҷаҳои таҳлил бармеоянд ва хусусияти амалишаванда доранд; робитаи мантиқии «масъала - таҳлил - хулоса - тавсия» дар тамоми диссертатсия нигоҳ дошта шудааст.

Аз ин рӯ, дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ баёнгардида баланд арзёбӣ гардида, ба талаботи корҳои илмии сатҳи номзадӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

5.Тавсифи умумии таҳқиқоти кори диссертатсионӣ.

Диссертатсияи тақризшаванда сохтори пайгирона дошта, дар он бо ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии таҳқиқот муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаву пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Диссертатсия дар ҳаҷми 204 саҳифа навишта шуда, 31 ҷадвал, 14 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 122 номгӯйро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи диссертатсия тавсифи умумии таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, натиҷаҳои нисбатан воқеии ба сифати навгонӣ пешниҳодшуда, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он аниқ карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ» (саҳ. 16-75) масъалаҳои таҳаввулоти илмии мафҳуми замин ҳамчун

омили асосии истеҳсолот, моҳият ва мазмуни самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, заминаҳои назариявию методологии ташаккули механизми иттилоотиву таҳлилӣ, инчунин таҷрибаи дохилию хориҷии идоракунии заминистифодабарӣ мавриди таҳлил ва баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар ин боб заминро на танҳо ҳамчун захираи табиӣ, балки ҳамчун сармояи иқтисодӣ ва омили стратегии рушди бахши аграрӣ баррасӣ намуда, робитаи мутақобилаи он бо равандҳои такрористеҳсолоти аграриро асоснок менамояд. Бо такя ба назарияи рентавии иқтисодӣ ва таҳлилҳои муосир, моҳияти иқтисодии замин ва зарурати арзёбии комплексии самаранокии истифодаи он шарҳ дода шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки: «дар шароити иқтисоди бозорӣ ва гуногуншаклии моликият танҳо баҳодиҳии натуралӣ (ҳаҷми истеҳсол, ҳосилнокӣ) барои муайян намудани самаранокии истифодаи замин кофӣ нест». Бо мақсади муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии заминистифодабарӣ ва хусусияти таъсири онҳо, ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ин омилҳо, инчунин механизмҳои танзим ва бартарафсозии таъсири манфӣ, зарурати таҳияи низоми комплексии иттилоотиву таҳлилӣ ба миён меояд.

Дар ин замина, муаллиф омилҳои таъсиррасон ба самаранокии истифодаи заминҳоро бо назардошти дараҷаи таъсири онҳо гурӯҳбандӣ намудааст.

Барои ҳамоҳангсозии амалии онҳо дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ принсипи мувозинати рушди соҳаҳо ва мутобиқати идоракунӣ ба шароити воқеии табиӣ-иқлимӣ пешбинӣ шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки таъсири ҳар як омил ба самаранокии истифодаи замин гуногун буда, механизми идоракунӣ бояд хусусияти фарқкунандаи онҳоро ба назар гирад (саҳ. 48–52).

Дар боби мазкур ҳамчунин таҷрибаи ташкили низоми баҳодиҳии иқтисодии замин, ки дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодӣ истифода шудааст, таҳлил гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки усулҳои анъанавии баҳодиҳӣ бештар хусусияти нормативӣ дошта, дар шароити бозорӣ такмили методологиро талаб менамоянд.

Қисмати муҳими боби аввал ба асосноккунии зарурати ташкили механизми муосири иттилоотиву таҳлилӣ бахшида шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки парокандагии маълумотҳо ва набудани ҳамгироии байнисоҳавӣ ба қабули қарорҳои идоракунӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки заминаҳои назариявии ташаккули низоми ягонаи иттилоотӣ таҳия ва ҷорӣ карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, боби якум бо таҳлили амиқи назариявӣ, пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳо ва асосноккунии методологии самти таҳқиқот фарқ мекунад. Он ҳамчун заминаи илмии боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда дар бобҳои дуюм ва сеюм хизмат намуда, робитаи мантиқии назария ва амалияро таъмин менамояд.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ «Арзёбии ҳолати муосири истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон» (саҳ. 77–128) арзёбии ҳолати истифодаи заминҳои таъиноти кишварзӣ гузаронида шудааст. Қайд шудааст, ки: «вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калидии аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дорои иқтидори баланди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Самаранокии истифодаи замин дар ин минтақа ба таъмини бозори дохилӣ ва рушди иқтисоди миллӣ таъсири бевосита дорад».

Дар диссертатсия таҳлили муфассали динамикаи майдони кишт анҷом дода шудааст. Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар солҳои 2019-2023 майдони умумии кишт 4,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз густариши истеҳсолот ва баланд

гардидани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, сохтори кишт тағйир ёфтааст: майдони кишти пахта коҳиш ёфта, баръакс майдони кишти картошка, сабзавот ва полизӣ афзоиш ёфтааст. Ин раванд диверсификатсияи истеҳсолот ва мутобиқшавии бахшро ба талаботи бозор инъикос менамояд.

Муаллиф ба арзёбии нишондиҳандаҳои ҳосилнокии зироатҳои асосӣ диққати махсус додааст. Дар асоси таҳлил нишон дода шудааст, ки сатҳи ҳосилнокии ғалладона ва пахта дар шаҳру ноҳияҳои гуногун фарқияти назаррас дорад. Таҳлили динамикаи ҳосилнокӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе ноҳияҳо афзоиши ҳосилнокӣ ба мушоҳида мерасад, аммо дар дигар минтақаҳо сатҳи он паст боқӣ мемонад.

Дар диссертатсия масъалаи истифодаи нуриҳои минералӣ ва таъсири он ба ҳосилнокӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки пастшавии ҳаҷми истифодаи нуриҳо ба коҳиши ҳосилнокии зироатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ин натиҷа зарурати ташкили мониторинги мунтазами ҳолати агрохимиявии замин ва банақшагирии илмии истифодаи нуриҳоро асоснок менамояд.

Муаллиф қайд менамояд, ки гуногуншаклии моликият ва сатҳи ташкили хоҷагиҳо ба самаранокии истифодаи замин таъсир мерасонад. Дар баъзе ҳолатҳо маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва техникӣ ба пастшавии самаранокӣ оварда мерасонад. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин такмили механизми дастгирии иттилоотӣ ва идоракунӣ зарур аст.

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ «Таҳлили ҳолати кунунӣ ва тамоюли ҷалби сармоягузорӣ ба рушди экологӣ-иқтисодии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон» (саҳ. 131-181) танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар асоси таҳлилҳои боби дуюм муаллиф ба хулоса меояд, ки яке аз сабабҳои асосии паст будани самаранокии истифодаи замин парокандагии маълумот ва набудани низоми ягонаи иттилоотӣ мебошад. Айни замон, маълумотҳои марбут ба: майдони кишт, сохтори кишт, ҳосилнокӣ, ҳолати агрохимиявӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, дар сохторҳои гуногун нигоҳ дошта мешаванд ва ҳамоҳангсозии онҳо нокифоя мебошад.

Муаллиф консепсияи ташаккули низоми ягонаи иттилоотиву таҳлилиро пешниҳод менамояд, ки чунин унсурҳоро дар бар мегирад: Пойгоҳи ягонаи додаҳо; Ҳамгироии маълумоти кадастрӣ ва оморӣ; Низоми таҳлили автоматиконидашуда; Дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ. Ин консепсия ба баланд бардоштани шаффофият, коҳиши такроршавии маълумот ва беҳтар гардидани сифати банақшагирии кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф модели мониторинги комплексиро пешниҳод менамояд, ки сатҳҳои зеринро дар бар мегирад: сатҳи хоҷагӣ (ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ); сатҳи ноҳия (таҳлили муқоисавӣ ва гурӯҳбандӣ); сатҳи вилоят (банақшагирии стратегӣ ва идоракунӣ). Ин модел ба таҳлили динамикаи майдони кишт ва тағйироти сохтори он такя мекунад.

Дар баробари ин, назорати доимии истифодаи нуриҳои минералӣ ҳамчун ҷузъи ҳатмии мониторинг пешниҳод гардидааст, зеро таҳлил нишон медиҳад, ки коҳиши истифодаи нуриҳо ба пастшавии ҳосилнокӣ таъсир мерасонад. Модели

пешниҳодшуда имкон медиҳад: самаранокии истифодаи ҳар як гектар заминро арзёбӣ намудан; тағйироти сохтори киштро саривақт муайян кардан; қарорҳои оптималии идоракуниро қабул намудан.

Дар диссертатсия зарурати гузариш аз арзёбии танҳо натуралӣ (ҳаҷми истеҳсол) ба арзёбии комплексии иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки самаранокии истифодаи замин дар асоси нишондиҳандаҳои зерин баҳогузорӣ гардад: ҳосилнокӣ ба як гектар; фоидаи холис ба як гектар; сатҳи хароҷот; самаранокии истифодаи нуриҳо ва дигар захираҳо.

Ин равиш ба назарияи рентавии замин такя намуда, заминро ҳамчун сармояи иқтисодӣ арзёбӣ менамояд. Такмили методология имкон медиҳад, ки қарорҳои сармоягузорӣ ва банақшагирии истеҳсолот дар асоси нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ қабул шаванд.

Дар диссертатсия як қатор самтҳои стратегии такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи заминистифодабарӣ пешниҳод шудаанд: таҳкими назорати мониторингӣ; такмили механизми баҳодиҳии иқтисодӣ; ҳамгироии сохторҳои марбут ба идоракунии замин; рушди инфрасохтори иттилоотӣ; дастгирии иттилоотии субъектҳои хоҷагидорӣ. Ин пешниҳодҳо ба бартараф намудани фарқиятҳои минтақавӣ дар сатҳи ҳосилнокӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин мусоидат менамоянд.

Боби сеюм натиҷаи мантиқии таҳлилҳои назариявӣ ва эмпирикии бобҳои пешин буда, дар он: консепсияи низоми ягонаи иттилоотӣ таҳия шудааст; модели мониторинги бисёрсатҳавӣ пешниҳод гардидааст; методологияи арзёбии иқтисодии замин такмил дода шудааст; самтҳои рақамикунонӣ ва ислоҳоти сиёсати замин асоснок гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, боби сеюм аҳаммияти баланди амалӣ дошта, ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ равона гардидааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод ва асоснок гардидаанд.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Натиҷаҳои илмии диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар такмили низоми идоракунии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори бахши аграрӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар инҳо ифода меёбад: такмили асосҳои назариявӣ ва методологии арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ; асоснок намудани мафҳуми таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ҳамчун унсури муҳими механизми идоракунии заминистифодабарӣ; таҳияи модели мониторинги бисёрсатҳавии истифодаи замин; пешниҳод намудани равиши комплексии арзёбии иқтисодии замин бо дарназардошти нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ.

Таҳқиқот ба рушди назарияи иқтисоди кишоварзӣ ва такмили методологияи баҳодиҳии захираҳои замин мусоидат намуда, метавонад ҳамчун заминаи илмӣ барои корҳои минбаъдаи таҳқиқотӣ истифода гардад.

Ҳамзамон, истифодаи муқаррароти назариявии пешниҳодшуда дар таҳияи барномаҳои таълимии фанҳои «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Идоракунии захираҳои замин» ва «Таҳлили иқтисодӣ»; истифодаи модели мониторинг дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ; татбиқи методологияи арзёбӣ дар корҳои магистрӣ ва докторӣ.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳодҳои таҳияшуда барои татбиқи мустақим дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ мувофиқ мебошанд. Механизми пешниҳодшудаи ташкили низоми ягонаи иттилоотӣ ва мониторинг имкон медиҳад: шаффофияти идоракунии замин баланд бардошта шавад; қабули қарорҳои асоснок дар сатҳи ноҳия ва вилоят таъмин гардад; сохтори кишт бо назардошти самаранокии иқтисодӣ оптимизатсия карда шавад. Истифодаи амалии таҳқиқот дар самтҳои зерин зоҳир мегардад: татбиқи модели мониторинг дар мақомоти марбут ба идоракунии замин; ташкили пойгоҳи ягонаи додаҳо дар сатҳи вилоят; истифодаи нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди кишоварзӣ; ҷорӣ намудани низоми таҳлили иқтисодии самаранокии замин дар сатҳи хоҷагиҳо.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳо дар имконияти баланд бардоштани самаранокии истифодаи ҳар як гектар замин ифода меёбад. Таҳлил нишон медиҳад, ки тағйироти сохтори кишт ва беҳтар шудани идоракунӣ метавонад ба афзоиши ҳосилнокӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, истифодаи оқилонаи нуриҳои минералӣ ба баланд гардидани натиҷаҳои истеҳсолот мусоидат мекунад. Татбиқи пешниҳодҳо ба чунин натиҷаҳои иқтисодӣ оварда мерасонад: афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ; кам шудани хароҷоти бесамар; баланд гардидани фоидаи хоҷагиҳо; беҳтар шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ. Ҳамзамон, тавсияҳои зерин оид ба истифодаи иқтисодӣ таҳқиқот оварда шудааст: ворид намудани нишондиҳандаи «фоидаи холис ба як гектар» дар низоми ҳисоботи дохилии хоҷагиҳо; истифодаи натиҷаҳои таҳлил барои банақшагирии сармоягузорӣ; оптимизатсияи сохтори кишт бо такя ба маълумоти таҳлилӣ.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат менамояд. Афзоиши истеҳсолот ва фоида ба: зиёд шудани ҷойҳои корӣ; баланд гардидани даромади хоҷагиҳо; беҳтар шудани таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Ин раванд дар маҷмӯъ ба таҳкими амнияти озуқавории кишвар ва рушди устувори иҷтимоӣ замина мегузорад. Ҳамзамон, тавсияҳои зерин оид ба истифодаи иҷтимоии таҳқиқот оварда шудааст: истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои давлатии рушди деҳот; дастгирии иттилоотии хоҷагиҳои хурд барои баланд бардоштани сатҳи идоракунӣ; ҷорӣ намудани курсҳои омӯзишӣ оид ба истифодаи самараноки замин дар сатҳи маҳаллӣ.

Тавсияҳои пешниҳодшуда амалӣ, воқеӣ ва мутобиқ ба шароити рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намоянд.

7. Нашри натиҷаи кори диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сатҳи илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия ин апробатсия ва нашри онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили маводи пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва нашрияҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 14 номгӯйи корҳои илмии муаллиф нашр гардидаанд, ки 5 - тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон таҳқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошанд. Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бандҳои 32, 33, 34, 35 ва 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотро пурра дарбар гирифта, мутобиқ ба талаботи мавҷуда таҳия гардидааст.

9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии кори диссертатсионӣ.

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳоро қайд кардан лозим мешуморем, ба монанди:

1. Самтҳои назариявии таъминоти иттилоотӣ аз нигоҳи муаллиф ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба инъикос нагардидаанд. Дар боби якум диққати асосӣ бештар ба иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии замин равона гардида, ҷанбаъҳои назариявии ташаккул ва рушди низоми таъминоти иттилоотӣ нисбатан камтар баррасӣ шудаанд. Тақвияти таҳлили консептуалӣ ва мукаммал намудани заминаи назариявӣ сифати илмии корро боз ҳам баланд мебардошт.

2. Дар зербоби 1.3 муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро мавриди таҳлил қарор додааст. Бо вуҷуди ин, дар ин раванд диққати бештар ба масъалаҳои истифодаи замин равона гардида, ҷанбаҳои ташкили низоми иттилоотӣ ва мониторинги заминистифодабарӣ дар кишварҳои пешрафта ба таври муфассал баррасӣ нашудаанд. Тақвияти таҳлили муқоисавии таҷрибаи байналмилалӣ дар самти рақамикунонӣ ва идоракунии иттилоотӣ метавонист арзиши илмии корро афзоиш диҳад.

3. Дар боби дуюм муаллиф ҳолати истифодаи заминҳои кишоварзиро дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он таҳлил намудааст. Бо вуҷуди ин, омилҳои аз гардиши кишоварзӣ берун мондани заминҳо, сабабҳои паст

будани ҳосилнокии заминҳо ва сатҳи воқеии таъминоти иттилоотии субъектҳои хоҷагидорӣ ба таври мукаммал ва системавӣ арзёбӣ нашудаанд. Баррасии амиқтари ин масъалаҳо метавонист хулосаҳои таҳлилро пурратар намояд.

4. Дар таҳқиқот масъалаи таъмини иттилоотӣ ва мониторинги заминҳои кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, аммо равандҳои рақамикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ (аз ҷумла, системаҳои иттилоотии географӣ ва пойгоҳҳои додаҳо) метавонистанд ба таври муфассалтар таҳлил гарданд. Ин равиш ба таҳкими заминаи амалӣ ва навоварии кор мусоидат менамуд.

5. Дар зербоби 3.2 муаллиф механизмҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзиро пешниҳод намудааст, вале онҳо бештар хусусияти умумӣ доранд. Агар муаллиф татбиқи ин механизмҳоро дар мисоли фаъолияти ягон корхонаи мушаххаси кишоварзӣ нишон медод, сатҳи асосноки ва амалӣ будани пешниҳодҳо боз ҳам баланд мегардид.

6. Сифати таҳқиқот боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф аз моделҳои муосири иқтисодӣ-математикӣ (масалан, таҳлили регрессионӣ, моделҳои прогнозӣ ё оптимизатсионӣ) барои муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба раванди иттилоотикунонии корхонаҳои кишоварзӣ истифода менамуд ва дар ин замина дурнамои рушди низоми иттилоотиро пешниҳод мекард.

Ахиран, метавон қайд намуд, ки камбудиҳо ва эродҳои пешниҳодшуда моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш намедиҳад ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

10. Хулосаи умумӣ оид ба таҳқиқот.

Диссертатсияи Шарифзода Сухроб Каримхон таҳқиқоти мустақилона, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро ба таври муназзам ва мантиқӣ инъикос менамояд. Муҳтавои кор ба ҳалли масъалаҳои такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ равона гардида, ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои замин ва рушди устувори бахши аграрӣ дар шароити рақамикунонии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Кори диссертатсионӣ дорои сохтори мантиқан мукаммал буда, пайдарпайии масъалагузорӣ, таҳлили назариявӣ, арзёбии эмпирикӣ ва таҳияи пешниҳодҳои амалӣ дар он риоя гардидааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дорои аҳаммияти илмӣ буда, асосҳои назариявию методологӣ ва амалии такмили низоми мониторинг, арзёбии иқтисодӣ ва идоракунии иттилоотии заминистифодабариро ғанӣ мегардонанд.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои асосӣ, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқотро ба таври мухтасар ва возеҳ инъикос намуда, интишороти илмии муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамояд. Мақолаҳои илмии чопшуда муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва пешниҳодҳои амалиро оид ба такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ инъикос мекунанд.

Дар маҷмӯъ, бояд таъкид намуд, ки диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи муҳимият, дараҷаи таҳқиқи масъала, асоснокии назариявӣ, истифодаи усулҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти амалӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 67 ва 69-и "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он Шарифзода Суҳроб Каримхон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Муқарриз:
Муовини аввал, муовини директор оид
ба илм ва инноватсияи МД «Институти илмию
тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди
сабз»-и ДБССТ, д.и.и, дотсент Арабов Ф.П.

Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ, ҷ/ш. М. Турсунзода,
деҳ.Истиқлол 3. Хон. 325. Тел.: (+992) 918-72-28-29,
E-mail: **firdavs300@mail.ru**

Имзои Арабов Ф.П.-ро тастиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқӣ
МД «Институти илмию тадқиқотии рушди
устувор ва иқтисоди сабз»-и ДБССТ Раҳмонзода М.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, кӯчаи
Борбад 48/5, Тел.: (+992) 372 34 8802,
E-mail: **info@iutet.tj**